# ТАҚРИЗ

**ба диссертатсия ва автореферати Шарипов Шариф Раҳмонович дар мавзуи “Нақши Зуҳурии Туршезӣ дар такомули ғазали форсии тоҷикии асрҳои XVII-XIX дар шибҳи қораи Ҳинд (масъалаи таҳаввули навъи шеърӣ)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик). - Душанбе, 2024. - 414 саҳ.**

Масъалаи зуҳуришиносӣ, чӣ тавре ки худи довталаби дараҷаи илмӣ низ дар диссертатсия дарҷ кардааст, на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар кишварҳои дигари форсизабон низ ҳанӯз такомул наёфтааст. Бо вуҷуди он ки «Девони ғазалиёт», девони рубоиёт, қасоид ва тарҷеоти шоир дар Эрон борҳо ба табъ расидаву роҷеъ ба баъзе никоти балоғии ғазалиёт, вижагиҳои сабкию забонии шеър, мусиқии берунӣ ва канорӣ дар девони шоир, нақши Зуҳурии Туршезӣ дар ривоҷи шеъри форсии тоҷикии сабки ҳиндӣ, симои паёмбарон дар девони шоир, нақши Низомшоҳиён ва Одилшоҳиён дар халқи осори таълимии Зуҳурии Туршезӣ, сохтори «Соқинома»-и шоир ва насри ӯ дар ин кишвар мақолоти гуногун ва поённомаҳо навишта шудаанд.

Дар Тоҷикистон низ аз солҳои 50-уми асри гузашта сар карда, то солҳои 90-ум зимни навиштани таърихи адабиёт ва китобҳои илмӣ дар бораи Зуҳурии Туршезӣ иттилои мухтасар дода шудааст ва ё дар баъзе мақолот ва энсиклопедияҳо аз ин шоир ёдоварӣ гардидааст.

Танҳо соли 1990 аз ҷониби Сӯфизода Ш.З. зимни баррасии соқиномаҳо, «Соқинома»-и шоир мавриди пажуҳиши илмӣ қарор дода шуда, соли 2021 Раҳматов Б.А. таҳти унвони “Зуҳурии Туршезӣ ва анъанаҳои соқиномасароӣ дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ (асрҳои XVII-XVIII)” рисолаи номзадӣ дифоъ намуда, худи ҳамин сол муҳаққиқи мазкур “Мунтахаби девон”-и Зуҳурии Туршезиро бо тавзеҳи нисбатан муфассал ба табъ расонидааст.

Акнун, кори дигаре, ки Зуҳурии Туршезиро дар Тоҷикистон бештар муаррифӣ менамояд, диссертатсияи Шарипов Шариф Раҳмонович аст, ки ба яке аз масоили бисёр мубрам, дар як радиф, душвор ва пурмашаққат – муайян намудани мақоми Зуҳурии Туршезӣ дар такомули мавзую муҳтаво ва ҷанбаҳои

поэтикии ғазали форсии тоҷикии асрҳои XVII-XIX дар шибҳи қораи Ҳинд мебошад.

Муҳаққиқ Шарипов Ш.Р. тавонистааст, ки дар диссертатсияи номбаршуда бори нахуст ғазалиёти шоирро аз нигоҳи сохторшиносӣ, корбурди ҳунарсозаҳои шеърӣ, истифодаи санъатҳои бадеӣ, сабкшиносӣ ва таъсирпазирию таъсиргузорӣ таҳқиқи ҷиддии илмӣ намуда, дар самти зуҳуришиносӣ дар Тоҷикистон саҳифаи наверо боз намояд.

Дар кори диссертатсионии Шарипов Ш.Р. бисёр масоили мавзуии марбути ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ: мавзуоти ишқ, тасвири май, ахлоқ, риндӣ, восӯхт, омӯзиши ҳунар, зоҳидситезӣ, дурӣ аз ватан, эътироз аз олам, муқобилгузории ақлу ишқ дар тасвири бадеӣ, тасвири шоиронаи табиат, назари шоир дар бораи инсон, қофияву радиф, матлаъ ва мақтаъ, корбурди вожагон ва таркиботи хос ва воситаҳои маъмули тасвири бадеӣ муайян карда шудаанд, ки **асоси мубрамии таҳқиқ**ро дар бар мегиранд.

Як масъаларо бояд ҳатман қайд кард, ки дар кори диссертатсионии мазкур корбурди диди нави таҳқиқ ба назар мерасад. Муҳаққиқ як боби диссертатсияро ба масъалаи истифодаи ҳанҷоршиканӣ, тасвирҳои парадоксӣ, ҳисомезӣ, вобастаҳои ададӣ, «тасвири иттифоқии бадеӣ», корбурди румузи ранг ва фазосозию маконсозии бадеӣ дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ бахшидааст, ки ба назари ман, аз ҳама қисмати ҷолиби диссертасия маҳз ҳамин боб аст. Хушбахтона, дар таҳқиқоти солҳои охир дар илми адабиётшиносии тоҷик ба кор гирифтани равишҳои муосири таҳқиқи адабӣ, бахусус, истифодаи чанде аз назариёти мактабҳои формалистӣ, сохторгароӣ, нишонашиносӣ ва пасосохторгароӣ ба чашм мерасанд, ки̇ диссертатсияи Шарипов Ш.Р. яке аз онҳост. Дар баробари муайян намудани сатҳи ҳунари шоирӣ дар корбурди санъатҳои бадеӣ ошкор сохтани истифодаи усулҳои муосири сабкшиносӣ, пеш аз ҳама, меҳнати зиёд, донишҳои назарии адабӣ ва таҷрибаҳои илмиро талаб менамояд, ки бешак, муҳаққиқи монографияи мавриди назар аз онҳо бархурдор аст. Зеро баррасиҳои илмии диссертатсия, ки дар заминаи ҳамин усулҳои муосири сабкшиносӣ сурат гирифтаанд, гувоҳи гуфтаҳои боло буда натиҷаҳои

илмии дар ин замина бавуҷудомада барои илми адабиётшиносии муосири тоҷик **мубраманд**.

Мубраммияти дигари таҳқиқи мазкур боз дар он аст, ки муҳаққиқ мактаби пайравони Зуҳурии Туршезиро дар масоили маънисозӣ ва тасвирофаринӣ муайян намудааст, ки ин кор дар заминаи муқоисаи ғазалҳои шоирон сурат гирифтааст.

**Навгонии илмии таҳқиқ** дар кори диссертатсионии мазкур зиёданд. Пеш аз ҳама, мусиқии дарунии ғазалиёти шоир ба таври муфассал таҳқиқ шудааст. Чӣ тавре ки муҳаққиқ навиштааст: "Зуҳурии Туршезӣ тавониста, ки тавассути мусиқии ҳуруф, агар ба тарзи бадеӣ гӯем, каммияти хаёли мухотаби шеъри худро ҷавлон дода, ӯро ба ваҷд орад ва хонандаро водор мекунад, ки бо чашмандози ҷадид ба уфуқҳои тозаи маънӣ ва тасвир дида андозад. Зеро ҳар як ҳарф дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ бо тавозун ва таносуби хоси овоӣ ҷойгир шуда, дар эҷоди савтиёт аҳаммияти муҳим доранд ва ҳамин тавозун ва таносуб гоҳ ба василаи мукаррароти садонок ва гоҳ тариқи пайи ҳам истифода ёфтани ҳамсадоҳо ва гоҳи дигар, ба василаи имтидоди садоноку ҳамсадо мусиқӣ тавлид мекунанд" (диссертатсия, с.158-164).

Дигар он ки тасвирҳои тоза, ғайривоқеӣ ва ба қавли муҳаққиқ "тасвирҳои иттифоқӣ"-и ғазалиёти шоир муайян карда шудаанд. Ҳамчунин, ғазалиёти шоир аз ҷиҳати композитсионӣ ва сабк тавзеҳ ёфтаанд.

Навгонии дигари таҳқиқи мазкур боз дар он зоҳир мегардад, ки муҳаққиқ корбурди як вожа бо чанд маънои мухталиф ҳамчун қофия ва радиф, истифодаи радифҳое, ки дар адабиёти тоҷик ба нудрат истифода шудаанд, радифҳои ишоравӣ, феълӣ ва ҷумлагии ғазалиёти шоирро муайян намудааст.

Дар маҷмуъ, мавзуъ, муҳтаво ва вижагиҳои поэтикии ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ дар заминаи меъёрҳои урфӣ ва муосири илми адабиётшиносӣ аз ҷониби муҳаққиқ Шарипов Ш.Р. дар шакли як асари ҷудогонаи диссертатсионӣ ба қалам дода шудааст, ки ин кор бори нахуст дар Тоҷикистон сурат гирифтааст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Азбаски диссертатсияи мазкур дар заминаи асарҳои илмӣ, нусхаҳои интиқодӣ ва қаламии девони шоир, дар

асоси методологияи илмӣ ва ба роҳбарӣ гирифтани асарҳои таҳқиқотии олимони маъруфи ватанӣ ва хориҷӣ навишта шудааст, дорои дараҷаи баланди эътимоднокии натиҷаҳост. Ин натиҷаҳоро метавон дар навиштани диссертатсияҳои алоқаманд ба мавзуъ, курсҳои махсуси адабиётшиносӣ ва таърихи адабиёт истифода кард.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Шарипов Шариф Раҳмонович дар мавзуи "Нақши Зуҳурии Туршезӣ дар такомули ғазали форсии тоҷикии асрҳои XVII-XIX дар шибҳи қораи Ҳинд (масъалаи таҳаввули навъи шеърӣ)" ба ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик) **мувофиқ аст**.

**Саҳми шахсии довталаб**, пеш аз ҳама, дар он аён аст, ки мавзуи таҳқиқшуда бори аввал масъалаҳои марбут ба поэтикаи ғазалиёти Зуҳурии Туршезиро фаро гирифта, заминаи хуб барои омӯхтани ҳамин давраи адабиёти тоҷик гардидааст. Ҳамчунин, дар масъалаи зуҳуришиносӣ дар Тоҷикистон маъхази боэътимоди илмӣ ҳисоб меёбад.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқ**, пеш аз ҳама, дар он аст, ки вижагиҳои мавзуию муҳтавоӣ ва поэтикии ғазалиёти шоир таҳқиқ шудаанд (диссертатсия, с. 42-165). Ҳамчунин, тарзҳои мухталиф ва нотакрори тасвирҳои бадеӣ, корбурди шигардҳои адабӣ, муқоисаи образҳои бадеии шоир бо шоирони дигар сатҳи аҳаммияти назариявии таҳқиқро боло бурдаанд.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқ** низ, пеш аз ҳама, дар он аст, ки натиҷаҳои илмии онро метавон дар навиштани таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ, адабиёти форсизабони Ҳиндустон, китобҳои дарсӣ, фарҳангномаҳо, фарҳанги таркиб ва таъбирҳои шоирона, рисолаҳои илмӣ, курсҳои махсуси адабиётшиносӣ ба кор гирифт.

Диссертатсия аз муқаддима, 5 боб, 22 фасл, 13 зерфасл, хулоса ва рӯйхатти адабиёт иборат аст. Ҳамчунин, дар диссертатсия 4 ҷадвал истифода шуда, онҳо дар дохили матн тавзеҳ дода шудаанд.

Боби аввали диссертатсия **«Мавзуъ ва муҳтавои ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ»** ном дошта, аз шаш фасл иборат аст. Муҳиммияти ин боб дар он аст, ки муҳаққиқ зимни матраҳи боби мазкур ошкор кардааст, ки шоир, пеш аз

ҳама, лирик аст ва асоси лирикаи онро ду назария: "аҳди аласт» - назарияи азалияти ишқ ва маъшуқаи заминӣ ташкил додаанд. Яке аз хубиҳои кори мазкур дар он аст, ки муҳаққиқ муайян намудааст, ки "дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ наметавон, ки баёни мушаххаси ягон консепсияи тасаввуфиро мушоҳида кард. Ғояҳои ирфонӣ ва ё мазмунҳои тасаввуфии ғазалиёти шоир зимни таранnуми ишқ ифода ёфтаанд".

Дар ин боб, ҳамчунин, муҳаққиқ муайян кардааст, ки дар ғазалиёти шоир «май» ба сифати мабдаъ ва воситаи тасвир истифода шуда, ду маънӣ: аслӣ ва маҷозӣ дорад.

Хубии дигари боби мазкур дар он аст, ки муҳаққиқ тавонистааст, омилҳои таранnуми ахлоқ, инсонсолорӣ ва тасвири шоиронаи табиатро ба риштаи таҳқиқ кашад ва ба натиҷаҳои боэътимоди илмӣ ноил гардад.

Боби дуюми диссертатсия **«Сохтор, вазн ва мусиқии ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ»** ном дошта, аз се фасл ва чор зерфасл иборат аст.

Дар боби мазкур муҳаққиқ масоили муҳимми поэтикӣ: сохтори зоҳирӣ ва дохилӣ, ҳусни матлаъ ва мақтаъ, авзон, мусиқии дарунӣ ва берунии ғазалиёти Зуҳурии Туршезиро борикбинона таҳқиқ карда, ҳар як масъалаи мазкурро бо далелҳо ҳал кардааст. Хубии кори Шарипов Ш.Р. дар ин боб дар он аст, ки ӯ бори нахуст дар илми адабиётшиносии тоҷик муайян намудааст, ки мусиқии ҳуруф барои илқои маънии ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ нақши муҳим доранд. Ба қавли муҳаққиқ, "мусиқии дарунии ғазалиёти шоир тақвиятбахши маъно буда, Зуҳурӣ дар эҷоди ғазал барои тақвияти маънӣ ба ҳолати физикӣ ва шаклҳои басирии ҳарфҳо низ таваҷҷуҳи зиёд додааст. Иртиботи қавии садоноку ҳамсадо дар эҷоди мусиқии ғазалиёти шоир ба чашм расида, ҳамин рабти устувори мусиқию маъно боиси тадоии маъноӣ дар ғазалиёти шоир гардидаанд" (диссертатсия, с.364).

Боби сеюми диссертатсия «**Воситаҳои тасвири бадеӣ дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ»** ном дошта, аз ду фасл ва нуҳ зерфасл иборат аст.

Дар боби мазкур таваҷҷуҳи муҳаққиқ ба воситаҳои маъмули тасвири бадеӣ ва «тасвирҳои иттифоқӣ»-и бадеӣ дар ғазалиёти шоир зоҳир шудааст. Хубии кори Шарипов Ш.Р. дар ин боб дар он аст, ки ӯ тавонистааст, «тасвирҳои

иттифоқӣ»-и бадеӣ, чӣ тавре ки дар боло аз муваффақиятҳои илмии муҳаққиқ дониста шуд ва омилҳои ба вуҷуд омадани онҳоро дар ғазалиёти шоир ба риштаи пажуҳиш кашад (диссертатсия, с.207-233). Чунончи, худи муҳаққиқ гуфтааст, ки "аксари тасвирҳо дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ падидаи мустақил ва «иттифоқи тоза»-анд, ки ба амре марбут набуда, ғайриақлӣ (фароақлӣ) ва ғайрибурҳонӣ (фаробурҳонӣ)-анд, ки дар шабакаи умумии тасвир (ассотсиатсия) муттаҳид мешаванд" (диссертатсия, с.207).

Шарипов Ш.Р. дар ин боб муайян намудааст, ки "гоҳе дар тасвирҳои иттифоқӣ хитобҳои якмаром ва музтарибонаи шоир тазоҳури ҳаяҷон ва кайфияти руҳонии ӯро инъикос менамоянд, ки дар мухотабҳои номуқаррарӣ инъикос ёфтаанд" (диссертатсия, с.208).

Боби чоруми диссертатсия «**Сабкшиносии ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ**» унвон дошта, аз ҳашт фасл иборат аст.

Дар боби мазкур таваҷҷуҳи муҳаққиқ, асосан, ба усулҳои муосири сабкшиносӣ: ҳанҷоршиканӣ, тасвирҳои парадоксӣ, ҳисомезӣ, вобастаҳои ададӣ, корбурди румузи ранг ва фазосозию маконсозии бадеӣ равона гардида, агар такрор шавад ҳам, маҳз ҳамин боб ҷавҳари илмии диссертасияро барҷастатар гардонидааст.

Шарипов Ш.Р. дар ин боб бо далелҳо исбот сохтааст, ки дар ғазалиёти шоир "2 навъи ҳанҷоргурезӣ: забонӣ ва маъноӣ ва ду ҷараёни он – дар меҳвар қарор доштани истиораи феълӣ ва исмӣ мавҷуд аст. Шоир дар эҷоди ғазал аз се шакли ҳанҷоргурезии забонӣ (вожагонӣ, наҳвӣ ва сабкӣ) истифода карда, чор шакли дигари он (гӯйишӣ, овоӣ, навишторӣ ва замонӣ)-ро ба кор нагирифтааст. Ҳамчунин, муҳаққиқи мазкур исбот кардааст, ки "Зуҳурии Туршезӣ дар калимасозӣ ва таркибофаринӣ (барои эҷоди маънии тоза) аз сохти муқаррарии сарфу наҳви забон берун рафта, дар як баробар, дастаи вожагони тахассусиро эҷод намудааст" (диссертатсия, с.366-367). Натиҷаҳои хуби илмии ин боб дар шинохти шоир дар адабиёти тоҷик ва муайян намудани як қатор вижагиҳои сабки ҳиндӣ заминаи боэътимоданд. Чунончи, муҳаққиқ ба хулосае омадааст, ки "ранг дар тасвирҳои шоир на танҳо василаи пайванди шоир бо ашё, ҳаводис ва воқеа шудааст, балки боиси кашфи вижагии хосси онҳо

гардидааст. Ранг дар ғазалиёти шоир ҳам мабдаъ ва ҳам воситаи тасвир буда, дар тавсифоти ашё ва ҳодисаҳои моддӣ ва маҳсус ба кор рафтааст. Аммо рангҳое, ки дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ бештар маъниҳои тоза эҷод кардаанд, интизоӣ буда, тасовири номаҳсус ва ғайримоддиро инъикос кардаанд. Таркибҳои «ранги раъноӣ», «ранги ҳавас», «ранги шикаста», «ранги ғам» ва амсоли инҳо намудортарин корбурди ранг дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ буда, шоир дар сувари хаёл рангро намодин кардааст ва ба ин васила аҷзои тасовири шеъриро равобити бадеӣ бахшидааст. Корбурдатарин ранги равшани табиӣ дар сувари хаёли Зуҳурии Туршезӣ сиёҳ аст. Шоир ранги зарду кабудро хуш надоштааст. Зеро дар ғазалиёти шоир ранги кабуд ва гунаҳои он ягон бор корбурд надорад. Зуҳурии Туршезӣ дар ғазал мисли шуарои дигар бар пояи рангҳо киноя сохтааст, ки нишони дигар аз аҳаммияти ранг: расонидани паём ва илқои ҳадафманди эҳсос буда, ин гуна кинoясозӣ дар адабиёти форсии тоҷикӣ собиқаи тулонӣ дорад. Вобастаҳои ададӣ дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ корбурди фаровон дошта, навъе аз шигардҳои ҳунарию бадеии шоир мебошанд. Вобастаҳои ададии ғазалиёти шоирро метавон шартан ба даҳ гурӯҳ тақсим кард. Чунин ба назар мерасад, ки корбурди зиёди вобастаҳои ададӣ дар навъи муодилаҳо - имтизоҷи вобастаҳои ададӣ бо теъдоди зиёди вожагони ифодакунандаи мафумҳои моддӣ ва интизоӣ таркиботи мушкилфаҳмро ба вуҷуд оварда, дарки маънои ғазали Зуҳурии Туршезиро душвортар карда, боис шудааст, ки ғазалиёти шоир бо ин ҳама мушаххасоти сабкӣ, тасвиру маъниҳои тозаи адабӣ ва мавзуоти мутанаввеъ то ба имрӯз нақши шоистаи истиқбол ва маъруфият пайдо накунанд (диссертатсия, с.366-367).

Хулосаҳои диссертатсия дар 30 банд ҷамъбаст гардида, ба вазифа ва мақсадҳои пешбинишуда, равишҳо ва баррасиҳои таҳқиқ пурра мутобиқат доранд. Дар маҷмуъ, дастгоҳи илмии диссертатсия қавӣ буда, кори илмии баанҷомрасидаи ҷавобгӯ ба талаботи рисолаҳои докторист. Муҳаққиқ дар навиштани диссертатсияи мавриди назар аз 380 сарчашма, маъхази илмӣ ва матолиби илмии интернетӣ истифода кардааст.

Бо вуҷуди хубиҳои зиёди кори илмии мазкур ва муваффақиятҳои ноилгардидаи Шарипов Ш.Р. дар ин самт якчанд нуқсонҳои зерин дар

диссертатсияи мавриди назар ба чашм мерасанд, ки зикрашон бар салоҳи кор хоҳад буд:

1. Дар диссертатсия навгониҳои зиёд мавҷуданд, аммо онҳо дар қисмати "Навовариҳои таҳқиқ" ба таври бояду шояд нишон дода нашудаанд (диссертатсия, с.35).

2. Дар диссертатсия ғалатҳои техникӣ ва имлоӣ дида мешаванд (диссертатсия, с. 11, 15, 17, 32, 64, 78).

3. Якчанд бандҳои хулосаи диссертатсияро метавон якҷоя намуд (диссертатсия, с.360-369).

4. Мундариҷа тибқи талабот таҳия шудааст, вале танҳо оғози саҳифаи бобҳо ва фаслу зерфаслҳо нишон дода шудаанд (диссертатсия, с.2-3).

5. Забон ва услуби таҳлилу баён хуб аст, вале гоҳо ҷумлаҳои таҳрирталаб низ ба назар мерасанд (диссертатсия, с.11, 15).

6. Дар матни русии автореферат гоҳо иштибоҳоти услубӣ роҳ ёфтааст.

7. Рӯйхати адабиёт, асосан, дуруст таҳия шудааст, вале гоҳо талаботи техникии нишон додани осору сарчашмаҳо гоҳо риоя нашудааст (диссертатсия, с.402).

8. Ба фикри мо, дар номи диссертатсия илова кардани «масъалаи таҳаввули навъи шеърӣ» шарт нест (диссертатсия, с.1).

Камбудиҳое, ки зикрашон гузашт, моҳияти илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд ва ба сифати мулоҳизоти тавсиявӣ манзур шудаанд.

Бинобар он, диссертатсияи Шарипов Шариф Раҳмонович дар мавзуи "Нақши Зуҳурии Туршезӣ дар такомули ғазали форсии тоҷикии асрҳои XVII-XIX дар шибҳи қораи Ҳинд (масъалаи таҳаввули навъи шеърӣ)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ ба ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик) пешниҳод шудааст, ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон **мутобиқ мебошад**.

Ҳамчунин, диссертатсияи Шарипов Шариф Раҳмонович дар мавзуи "Нақши Зуҳурии Туршезӣ дар такомули ғазали форсии тоҷикии асрҳои XVII-XIX дар шибҳи қораи Ҳинд (масъалаи таҳаввули навъи шеърӣ)", ки барои

дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ ба ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик) ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик) сазовор аст.

**Муқаррizи расмӣ:**
доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи адабиёти тоҷики
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Ашурова Н.Ҷ.
"16" майи соли 2024

Нишони:735360, ш. Кӯлоб, кӯчаи Ориёно, 2/28
E-mail: shokhnoma@mail.ru
Тел: (+992) 918133849

Имзои Н.Ҷ.Ашуроваро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Амиров Ф.А.

Нишонӣ: 735360, ш. Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров 16
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
E-mail: info@kgu.tj
Тел: (833-22) 2-35-06
"16" майи соли 2024